# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидин Абдуҷалил дар мавзуи “Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-066-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раиси комиссия А.Ш. Қурбонов - доктори илмҳои фалсафа, профессор, аъзоён С.З. Латифзода - номзади илмҳои психологӣ ва А.Р. Мансурова - номзади илмҳои психологӣ оид ба қабул намудани диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидин Абдуҷалил дар мавзуи “Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи он муқаррар карда шудааст.

Воқеияти имрӯза дар ҳаёти инсон бо мавҷудияти дигаргуниҳои куллӣ ва зудтағйирёбанда буданаш тавсиф мешавад. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар назди ҷомеаи имрӯза гузошта шудааст – ин бунёди ҷамъияти нав мебошад. Барои ба ин ҳадаф расидан тамоми рукнҳои ҷомеаро инкишоф додан лозим аст, зеро оила ҳамчун рукни асосию ибтидоии ҷомеа маҳсуб меравад ва он имрӯзҳо ба солимгардонии психологӣ ниёз дорад.

Омори солҳои охир нишон медиҳад, ки теъдоди вайроншавии оилаҳо рӯ ба тамоюли зиёдшавӣ дорад. Ин далолат бо он мекунанд, ки барои пойдор кардани оилаи имрӯза корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим мешавад. Илми психология дар баробари дигар илмҳо метавонад дар ҳалли ин масъалаи муҳим нақши хоссаро бозад.

Маҳз дар кори диссертатсионии М.А.Бобобекзода масъалаи мазкур амиқу дақиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Хулоса, мавзу ва муҳтавои диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар доираи масъалаҳои зикргардида мубрамияти онро собит месозанд.

***Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:***

1. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи: “Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон” тибқи талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажуҳиши ҳамаҷонибаи соҳаи психологияро дар самти таҳқиқи таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолати эмотсионалии наврасон дар заминаи омӯзиши мушкилотҳои мубрами ҷомеаи муосир, фаро мегирад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ,

психологияи шахсият,таърихи психология (илмҳои психологӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон 15 уми июли соли 2024 таҳти № 223/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳкиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 8 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 4 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (дотсентӣ, профессорӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

5. Мулоҳизаю хулосаҳое, ки дар рисолаи илмӣ оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар зинаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти таҳқиқи ҳолатҳои эмотсоналии наврасон, муқоисаи наврасон аз оилаҳои пурра бо наврасон аз оилаҳои нопура, муқовимати баланди онҳо нисбат ба стресс, фрустратсия ва агрессия дар давраи наврасӣ метавон истифода кард.

6. Рисола ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқарраротҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

7. Таҳқиқоти диссертатсионии Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи “Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии тахкиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст ба ихтисоси 6D050301– Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мувофиқат менамоянд.

Комисссияи экспертӣ дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи "Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон" ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психоло́гияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комисссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D050301– *Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология* мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Назаров Акмал Мардонович** – доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро
- **Зайтметов Хусайн Авазхонович**- номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор А.Ш.Қурбонов

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори фалсафа (PhD) аз
руйи ихтисоси психология, дотсент С.З.Латифзода
номзади илмҳои психологӣ А.Р.Мансурова

16. 01. 2026

Имзои профессор А.Ш.Қурбонов
ва С.З.Латифзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Э.Ш. Шодихонзода

*"Имзои А.Р.Мансуроваро тасдиқ менамоям:*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.